**Аз ҷониби Конфронси судяҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон 29 ноябри соли 2013 қабул гардидааст**

# КОДЕКСИ ОДОБИ СУДЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ҳифзи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути ба амал баровардани адолати судӣ аз ҷониби суди босалоҳият, мустақил ва беғараз ба воситаи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», қонунҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд, бо мақсади таҳкими қонуният ва таъмин намудани адолати иҷтимоӣ ба амал бароварда мешавад.

Мустақилият, дахлнопазирӣ, таъмини амнияти судяҳо, манъ будани дахолат ба фаъолияти онҳо, ҷавобгарӣ барои беэҳтиромӣ нисбати суд ва ягонагии мақоми судяҳо воситаи таъмини қонунияту адолат оид ба қабули санадҳои қонунӣ, асоснок ва одилонаи судӣ мебошанд.

Судяҳои судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таҳкими ҳокимияти судӣ, таъмини принсипҳои фаъолияти судӣ, риояи қоидаҳои одоби касбӣ, меъёрҳои ахлоқию маънавӣ зимни ба амал баровардани адолати судӣ, софдилона ва бовиҷдонона фаъолият намудан, баланд бардоштани масъулияти шахсии судя ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои вазифавӣ ва эҳтиром гузоштан ба арзишҳои инсонӣ Кодекси одоби судяи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Кодекс) -ро қабул менамоянд.

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

### Моддаи 1. Муносибатҳое, ки Кодекси одоби судяи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим медарорад

1. Кодекс санади ҷомеаи судяҳо буда, ҳуқуқҳои судя ва қоидаҳои рафтори ӯро ҳангоми баамалбарории адолати судӣ ва фаъолияти ғайрисудӣ муқаррар намуда, ба талаботи баланди ахлоқию маънавӣ, муқаррароти Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», дигар қонунҳо, принсипҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар соҳаи адолати судӣ, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, асос ёфтааст.

2. Муқаррароти Кодекс, ки талаботи баланди ахлоқию маънавиро нисбат ба судя муқаррар карда, ба мақоми ӯ алоқамандӣ дорад, набояд ҳамчун маҳдудкунии ҳуқуқ ва озодиҳои умумишаҳрвандии бо Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат додашудаи ӯ

шарҳ дода шавад.

3. Риоя нагардидани талаботи Кодекси мазкур метавонад тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси ба ҷавобгарӣ кашидани судя шавад.

**Моддаи 2. Доираи амали Кодекси одоби судяи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Амали Кодекс нисбат ба ҳамаи судяҳо ва машваратчиёни халқӣ, ки дар ҳолатҳои муқарраркардаи қонун барои ба амал баровардани адолати судӣ ҷалб шудаанд, инчунин нисбати судяҳое, ки дар истеъфо мебошанд, паҳн мегардад.

2. Дар ҳолатҳое, ки агар масоили одоби судӣ бо Кодекси мазкур танзим нашуда бошад, он гоҳ судя бояд принсипҳои умумиэътирофшудаи рафтори ахлоқию маънавии ҷомеа, инчунин стандартҳои байналмилалиро дар соҳаи адолати судӣ ба роҳбарӣ гирад.

3. Раиси суд, муовини раис ва судя бояд ба ёрдамчии раис, пристав, котиби маҷлиси судӣ ва дигар кормандони дастгоҳи суд мазмуну муҳтавои аз Кодекси мазкур бармеомадаро фаҳмонад.

4. Агар судя дар муайян сохтани мувофиқати рафтораш дар вазъияти мушаххаси баамалбарории адолати судӣ ё дар фаъолияти ғайрисудӣ ба талаботи одоби касбӣ ва мақоми судя мушкилӣ кашад ва ё барои дар вазъияти мураккаб ба чӣ гуна рафтор намудан боварӣ надошта бошад, бо мақсади нигоҳ доштани мустақилӣ ва беғаразӣ ҳуқуқ дорад бо дархости дахлдор ба Комиссияи Созмони судяҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба одоб муроҷиат намояд.

**Моддаи 3. Мафҳумҳое, ки дар Кодекси одоби судяи Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мешаванд**

Дар Кодекс мафҳумҳои зерин истифода мешаванд:

- **судя** – шахси мансабдоре, ки барои ба амал баровардани адолати судӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин ё интихоб гардидааст;
- **машваратчиёни халқӣ** – шахсоне, ки мувофиқи тартиби муқарраркардаи қонун барои баамалбарории адолати судӣ ҷалб карда шудаанд;
- **хешовандони наздик** – падару модар, фарзандон, фарзандхондагон, фарзандхондшудагон, бародарон ва хоҳарон, бобо, бибӣ (модаркалон), набера, инчунин ҳамсар;
- **ҳамсар** – шахсе, ки ақди никоҳи расмӣ дорад;
- **аъзои оилаи судя** – ҳамсар, фарзандон, падару модар, дигар хешовандони наздик, ки бо судя якҷоя муқимӣ зиндагӣ мекунанд;
- **санади судӣ** – фармон, ҳалнома, ҳукм, таъинот ва қарор, ки суд, судя дар доираи салоҳияташ қабул намудааст;

- **одоби судя** – маҷмӯи қоидаҳои рафтори судяҳо буда, талаботи баланди ахлоқию маънавии онҳоро ҳангоми баамалбарории адолати судӣ ва фаъолияти ғайрисудӣ таъмин менамояд.

## БОБИ 2. ТАЛАБОТИ УМУМӢ НИСБАТ БА РАФТОРИ СУДЯ

### Моддаи 4. Талабот оид ба риояи қонунгузорӣ ва Кодекси одоби судяи Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Судя ҳангоми иҷрои вазифаҳои худ ҷиҳати ба амал баровардани адолати судӣ бояд дар назар дошта бошад, ки ҳифзи судии ҳуқуқ, озодии инсону шаҳрванд, манфиати давлат, созмону муассисаҳо, ташкилотҳо, қонуният ва адолатро, ки Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои конститутсионӣ, дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки онҳоро Тоҷикистон эътироф кардааст, эълон намудаанд, мазмуну моҳияти фаъолияти ҳокимияти судиро муайян менамояд.

2. Дар фаъолияти касбӣ, инчунин дар муносибатҳои ғайрихизматӣ судя уҳдадор аст Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои консгитутсионӣ, дигар қонунҳо, меъёрҳои қонунгузориҳои мурофиавии граждани, иқтисодӣ, ҷиноятӣ, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалиеро, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, риоя намояд. Ҳамзамон, бояд аз ҷониби судя принсипҳо ва қоидаҳои рафторе, ки ҳамин Кодекс муқаррар намудааст, меъёрҳои умумиэътирофшудаи ахлоқ ва одоб ба роҳбарӣ гирифта шуда, иҷроиши савганди судя бечунучаро таъмин карда шавад.

3. Риояи Кодекс бояд эътимоди ботинию қоидаи ҳаётии судя бошад ва ба мустаҳкам намудани боварии ҷомеа ба ҳокимияти судӣ, бо он ки адолати судӣ мустақилона, салоҳиятнок, одилона ва холисона ба амал бароварда мешавад, мусоидат намояд.

### Моддаи 5. Талабот оид ба таъмини афзалият дар фаъолияти касбӣ

1. Судя бояд дар назар дошта бошад, ки фаъолияти баамалбарории адолати судӣ барои ӯ нисбат ба тамоми дигар фаъолиятҳое, ки ӯ ҳуқуқ дорад мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намояд, афзалият дорад.

2. Судя ҳуқук надорад аз баррасии парванда, ариза, дархост ва шикоятҳои ба пешбурди ӯ воридшуда саркашӣ намояд ё ба тариқи дигар аз иҷрои уҳдадориҳои касбии худ даст кашад, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки худрадкуниро қонунгузории дахлдори мурофиавӣ талаб мекунад.

3. Зимни адои вазифа судя набояд дигар фаъолиятеро, ки метавонад мустақилӣ ва беғаразии ӯро зери шубҳа гузорад ва ба ихтилофи манфиатҳо оварда расонад, амалӣ намояд.

4. Судя ба ғайр аз фаъолияти илмиву эҷодӣ ва омӯзгорӣ, набояд вазифаи дигарро ишғол кунад.

**Моддаи 6. Талаботе, ки нисбат ба судя барои таъмини мақоми ӯ пешбинӣ мешавад**

1. Дар ҳама маврид судя бояд Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои конститутсионӣ, дигар қонунҳо, стандартҳои рафтори баланди ахлоқ ва одобро бечунучаро риоя намояд, дониш ва таҷрибаи худро барои иҷрои вазифаҳое, ки ба зиммаи ӯ гузошта шудаанд, истифода кунад, шоистаи номи худ буда, ваколатҳояшро бо маҳорати касбӣ анҷом дода, поку бовиҷдон буда, дар ҳама вазъият шаъну шарафи шахсии худро нигоҳ дошта, аз ҳамаи он амале, ки метавонад нуфузи ҳокимияти судиро паст занад ва ба номи неки судя зиён расонад, худдорӣ намояд.

2. Судя бояд бовиҷдонона аз ҳуқуқҳои шаҳрвандии худ истифода намуда, уҳдадориҳои шаҳрвандиро иҷро кунад. Ӯ набояд мавқеи хизматии худро барои гирифтани бартарияти шахсӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ истифода намояд. Судя бояд ба бастани шартномаҳое, ки боиси пайдоиши уҳдадориҳои молиявӣ бо шахсони таҳти тобеияти хизматӣ, инчунин шахсони иштирокчии парвандаҳои таҳти пешбурди ӯ қарордошта мегардад, роҳ надиҳад.

3. Судя набояд мақоми худро бо мақсади гирифтани ягон неъмат, хизмат, фоидаи тиҷоратӣ ё дигар фоида барои худ, хешовандон, дӯстон, шиносҳо истифода кунад (масалан, гирифтани кредит, дар тафовут аз дигарон бастани шартнома бо дигар шартҳо); имтиёз, пардохт ва бартарияти бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбининашударо қабул намояд ё талаб кунад (масалан, қарзҳои бефоиз, хизматрасонӣ, пардохти фароғат, истироҳат, хароҷоти нақлиёт ва ғайраҳо), уҳдадор аст барои аз ҷониби дигар аъзои оила қабул карда нашудани имтиёз, пардохт ва бартариятҳои мазкур, агар он бо амалҳое, ки судя ба анҷом расонидааст ё нияти ба анҷом расонидан дорад ва ё беамалии судя бинобар иҷрои вазифаҳои хизматӣ алоқаманд бошад, тадбирҳо андешад.

4. Судя оид ба молу мулки шахсии худ, манбаи бавуҷудоии он, инчунин дар бораи молу мулк ва манфиатҳои моддии аъзои оилааш бояд бохабар бошад.

5. Ҳангоми ба амал баровардани адолати судӣ ва берун аз он, судя набояд амалҳоеро ба анҷом расонад ва ё ба шахсони дигар ҷиҳати содир намудани ҳаракатҳое имконият диҳад, ки онҳо барои хулоса баровардан оид ба аз ҷониби судя истифода намудани салоҳиятҳои ӯ асос гарданд ва мустақилию беғаразии ӯро зери шубҳа гузоранд.

**Моддаи 7. Талабот нисбат ба қабули унвон, мукофот ва ҳадя**

Судя метавонад унвонҳои фахрӣ ва махсус, мукофот ва дигар нишонҳо, аз ҷумла аз давлатҳои хориҷӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигар ташкилот,

инчунин ҳадяҳоро танҳо дар ҳолатҳо ва бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ қабул намояд.

## БОБИ 3. ПРИНСИПҲО ВА ҚОИДАҲОИ РАФТОРИ КАСБИИ СУДЯ

### Моддаи 8. Принсипи мустақилият

1. Ҳокимияти судӣ мустақил буда аз номи давлат ва аз тарафи судяҳо амалӣ мегардад. Ҳокимияти судӣ ҳуқуқ, озодии инсону шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилоту муассисаҳо, қонунияту адолатро ҳифз менамояд. Судяҳо дар фаъолияти худ мустақил буда, танҳо ба Конститутсия ва қонун итоат мекунанд. Дахолат ба фаъолияти онҳо манъ аст. Дар ҳар шакл дахолат кардан ба фаъолияти суд бо мақсади монеъ шудан ба татбиқи адолати судӣ тибқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси ҷавобгарӣ мегардад. Нигоҳ доштани мустақилияти ҳокимияти судӣ ва риояи принсипи мустақилият уҳдадории судя аст.

2. Судя ҳангоми баамалбарории ваколатҳои судӣ бояд дақиқан қонунро ба роҳбарӣ гирад, ба далелҳо аз рӯи эътимоди ботинии худ баҳо диҳад, ки он ба таҳқиқи ҳамаҷониба, пурра, объективона ва бевоситаи далелҳои дар парванда мавҷуда асос меёбад, эҳтироми ҳуқуқҳои мурофиавии ҳамаи иштирокчиёни парванда, новобаста аз таъсир, фишор, таҳдид ё дахолати дигари бевосита ё бавоситаи беруна дар раванди баррасии парванда аз кадом тарафе, ки он расонида нашавад ва бо кадом тартиб ва мақсаде набошад, амалӣ намояд. Муҳокимаи оммавии фаъолияти судя, танқид намудани ӯ набояд ба қонунӣ ва асоснок будани қарори қабулнамудааш таъсир расонанд.

3. Дар хусуси тамоми кӯшишҳои таъсир ба судя, фишори бевосита ё бавосита бо мақсади таъсир расонидан ба қароре, ки қабул менамояд, бояд раиси суд, ҷомеаи судяҳо, инчунин мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои андешидани тадбирҳои дахлдор хабардор карда шаванд.

### Моддаи 9. Принсипи холисӣ ва беғаразӣ

1. Холисӣ ва беғаразии судя шартҳои ҳатмии баамалбарории адолати судӣ мебошанд. Рафтори судя дар маҷлиси судӣ ва берун аз он бояд ба нигоҳ доштани боварии ҷомеа ва иштирокчиёни мурофиа дар холисӣ, беғаразии ӯ ва ҳокимияти судӣ мусоидат кунад.

2. Бо мақсади баррасии холисонаи парванда судя ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои касбӣ бояд аз ҳама гуна бартаридиҳӣ, ақидаи бармаҳал, ё хотирбинӣ озод бошад ва барои истисно намудани ҳама гуна шубҳа нисбат ба холисиаш кӯшиш ба харҷ диҳад.

3. Судя бояд аз анҷом додани амалҳое, ки оқибати онҳо метавонанд ихтилофи манфиатҳоро ба вуҷуд оваранд ё иштироки ӯро дар баррасии парванда истисно мекунанд, худдорӣ намояд.

4. Судя аз баррасии парванда бояд даст кашад, агар асосҳои бо қонунҳои мурофиавӣ пешбинишуда барои рад кардани ӯ мавҷуд бошанд, ки бегаразӣ ва холисии ӯро зери шубҳа гузоранд.

5. Судя бояд аз вазъияте, ки муносибатҳои шахсиаш бо иштирокчиёни мурофиа метавонанд шубҳаи асоснок ё эҳтимоли мавҷудияти ягон бартаридиҳӣ ё муносибати хотирбинонаро ба вуҷуд оваранд, канораҷӯӣ намояд.

**Моддаи 10. Принсипи баробарӣ**

1. Таъмини муносибати баробар ба ҳамаи иштирокчиёни парванда шарти холисона ва беғаразона амалӣ намудани адолати судӣ, муҳокимаи судии одилона мебошад.

2. Судя дар вақти амалӣ намудани адолати судӣ бояд принсипи баробариро ба роҳбарӣ гирифта, онро ба назар гирад, ки ҳама дар назди қонун ва суд қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, инчунин ҳамаи шахсони ҳуқуқӣ сарфи назар аз шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият, маҳалли ҷойгиршавӣ, тобеият ва дигар ҳолатҳо баробаранд.

**Моддаи 11. Босалоҳиятӣ ва бовиҷдонии судя**

1. Босалоҳиятӣ ва бовиҷдонӣ шартҳои зарурии иҷрои дахлдори уҳдадориҳои судя бобати баамалбарории адолати судӣ мебошанд.

2. Судя бояд бовиҷдонона, дар сатҳи баланди касбӣ уҳдадориҳои худро ба иҷро расонад, ба шахсони иштирокчии парванда дар татбиқи ҳуқуқҳояшон мусоидат намояд, инчунин тамоми чораҳоро ҷиҳати баррасии саривақтии парванда, қабули қарори қонунӣ ва асоснок андешад.

3. Судя оид ба ҳуқуқҳои шахсони иштирокчии парванда ҷиҳати озодона изҳор намудани мавқеи худ бояд ҳурмату эҳтиром зоҳир намуда, дар ташкил ва гузаронидани маҷлисҳои судӣ дақиқ бошад, чораҳои боандешаи барои ноил гардидан ба мақсаду ҳадафҳои адолати судӣ равонагардидаро қабул намояд.

4. Судя касбияти худро бояд дар сатҳи баланд нигоҳ дошта, малакаи дониш, таҷрибаи амалӣ ва сифатҳои шахсиашро, ки барои иҷрои дахлдори уҳдадориҳояш заруранд, такмил диҳад.

5. Судя ҳуқуқ надорад иттилоотеро, ки вобаста ба иҷрои уҳдадориҳояш ба даст овардааст, фош намояд. Иттилооти махфие, ки ба судя бинобар вазъи мансабиаш маълум гардидааст, набояд аз ҷониби ӯ истифода бурда ё ба каси дигар бо мақсадҳое, ки ба иҷрои уҳдадориҳояш алоқаманд нестанд, ошкор карда шавад.

6. Судя дар маҷлиси судӣ маданияти баланди рафторро риоя ва тартиботро нигоҳ дошта, нисбат ба иштирокчиёни парванда ва дигар шахсони дар маҷлиси судӣ иштирокдошта босаброна ва боадабона муносибат намояд. Судя инчунин бояд аз иштирокчиёни парванда ва дигар

шахсони дар маҷлиси судӣ ҳузурдошта, чунин рафторро талаб намояд.

**Моддаи 12. Қоидаҳои рафтор ҳангоми ба амалбарории ваколатҳои ташкилию амрдиҳӣ**

1. Фаъолияти касбии судя на танҳо иҷрои уҳдадориҳоро оид ба муҳокимаи судии парванда ва қабули қарор, инчунин амалӣ намудани дигар вазифаҳо ва ваколатҳо, аз ҷумла дорои хусусияти ташкилию амрдиҳиро, ки бо фаъолияти суд алоқаманд аст, дарбар мегирад.

2. Судяе, ки ваколатҳои ташкилию амрдиҳиро нисбат ба дигар судяҳо доро мебошад - раиси суд (муовини раис) - дар фаъолияти касбии худ на танҳо уҳдадории баамалбарории адолати судиро иҷро мекунад, инчунин ӯ ваколатҳои маъмурии ба зиммааш гузоштаро бо нигоҳ доштани сатҳи баланди тахассусии касбӣ амалӣ ва барои баланд бардоштани самаранокии иҷрои уҳдадориҳои хизматӣ аз ҷониби дигар судяҳо ва кормандони дастгоҳи суд мусоидат менамояд.

3. Раиси суд (муовини раис) ҳангоми амалисозии ваколатҳои ташкилию амрдиҳӣ ҳуқуқ надорад мустақилияти судяҳоро маҳдуд карда, ба онҳо фишор оварад, инчунин дигар усулҳои таъсиррасонии маъмуриро, ки мақсадашон дахолат кардан ба фаъолияти судяҳо дар баамалбарории адолати судӣ мебошанд, истифода барад.

4. Раиси суд (муовини раис) вазифадор аст барои аз ҷониби судяҳо таъмин намудани иҷрои саривақтӣ ва самаранокии уҳдадориҳояшон чораҳои дорои хусусияти ташкилӣ, молиявӣ, моддию техникиро андешад.

5. Раиси суд бояд баробар тақсим кардани вазифаҳои хизматиро байни судяҳо ва кормандони дастгоҳи суд таъмин намояд.

6. Раиси суд масъалаҳои кадриро бояд бовиҷдонона ҳал намуда, нисбат ба судяҳо ва дигар шахсони таҳти тобеияти ӯ қарордошта хушмуомила ва ботамкин бошад. Дар иҷрои вазифаҳои хизматӣ ҷиҳати тақвияти муқовимат бо коррупсия тадбирҳо андешида, набояд ба пуштибонии беасос (ҳавасмандгардонии нолоиқ, бенавбат ва беасос ба мансаби баландтар таъин намудан, анҷом додани дигар амалҳое, ки аз зарурати хизматӣ барнамеояд) роҳ диҳад.

7. Судя ҳуқуқ дорад аз ёрдамчии раис, пристави суд, котиби маҷлиси судӣ ва дигар кормандони дастгоҳи суд риояи принсипҳои умумии рафтори хизматии хизматчии давлатӣ, ки дар Кодекси одоби хизматчии давлатӣ ва иҷрои уҳдадориҳое, ки дар дигар қонунгузорӣ оид ба хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, талаб намояд.

8. Судя набояд ба кормандони дастгоҳи суд иҷрои амалҳоеро, ки ҳангоми бевосита аз ҷониби худи судя содир намудани онҳо вайронкунии Кодекси мазкур дониста шудаанд, супориш диҳад.

**Моддаи 13. Ҳамкорӣ бо воситаҳои ахбори омма**

1. Бо дарназардошти он ки принсипи ошкоро будани муҳокимаи судӣ ба баррасии боадолатонаи парвандаҳои судӣ равона карда шудааст, мувофиқи мақсад аст, ки судяҳо принсипи мазкурро дар мавридҳои пешбининамудаи қонун васеъ истифода намуда, имконияти озодона ба толори маҷлиси судӣ даромадани ҳамаи шахсон, аз он ҷумла намояндагони воситаҳои ахбори оммаро таъмин намоянд.

2. Ҳангоми инъикоси фаъолияти судӣ дар воситаҳои ахбори омма, судя бояд бомулоҳиза амал намуда, мустақилият ва беғаразии худро нигоҳ дошта, аз ҳама гуна изҳороти беасос нисбат ба парвандаҳои мавриди баррасӣ қарордошта худдорӣ намояд. Судя қақ надорад оид ба моҳияти парванда то эътибори қонунӣ пайдо намудани санадҳои қабулкардааш ягон гуна изҳороти оммавӣ ва ё тафсир диҳад, инчунин санадҳои судии эътибори конунӣ пайдонамудаи ҳамкасбони худро ба таври оммавӣ зери шубҳа гузорад.

3. Агар фаъолияти судя дар воситаҳои ахбори омма ғайрихолисона инъикос карда шавад, он гоҳ судя ҳуқуқ дорад нисбати чунин баромадҳои воситаҳои ахбори омма тибқи ҳуқуқҳое, ки ӯ ҳамчун шаҳрванд доро мебошад, эътино изҳор намояд.

## БОБИ 4. ҚОИДАҲОИ РАФТОРИ СУДЯ ДАР ФАЪОЛИЯТИ ҒАЙРИСУДӢ

**Моддаи 14. Иштирок дар фаъолияте, ки бо такмил додани ҳуқуқ ва қонунгузорӣ алоқаманд аст**

1. Судя ҳуқуқ дорад дар чорабиниҳое, ки ба такмили ҳуқуқ ва қонунгузорӣ, низом ва адолати судӣ равона шудаанд, иштирок намояд.

2. Судя метавонад дар форумҳо ва конфронсҳои илмӣ иштирок намояд, мақолаҳо ва китобҳо нависад, фаъолияти илмӣ ва омӯзгориро амалӣ созад, инчунин ба дигар намудҳои фаъолияти ба соҳаи ҳуқуқ, қонунгузорӣ, адолати судӣ алоқаманд, машғул шавад, агар ин ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон хилоф набошад.

**Моддаи 15. Маҳдудиятҳо вобаста ба амалисозии таҷрибаи ҳуқуқӣ**

1. Судя ҳуқуқ надорад ба фаъолияти адвокатӣ ва ё дигар таҷрибаи ҳуқуқӣ машғул шавад, инчунин ёрии ҳуқуқӣ расонад. Дар баробари ин, судя метавонад дар мақомоти судӣ ва дигар мақомотҳо бевосита иштирок намуда, ҳуқуқҳои поймолгардидаи худро ҳифз намояд.

2. Маҳдудиятҳое, ки дар қисми 1-и моддаи мазкур пешбинӣ шудааст, нисбат ба судяҳои дар истеъфобуда низ татбиқ мегардад, агар дар қонунҳо тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

**Моддаи 16. Иштирок дар фаъолияти ҷамъиятӣ**

1. Судя метавонад дар фаъолияти ҷамъиятӣ иштирок намояд, агар он ба обрӯи ҳокимияи судӣ ва иҷрои уҳдадориҳои касбиаш зиён нарасонад.

2. Судя ҳуқуқ дорад аъзои ташкилоти ғайритиҷоратӣ, аз ҷумла касбӣ, хайрия, таълимӣ ва дигар ташкилоти ба ҳамин монанд бошад, аммо наметавонад ба онҳо ёрии ҳуқуқӣ расонад.

3. Судя набояд дар ҷамъоварии маблағҳо ба манфиати ташкилоти ҷамъиятӣ машғул шавад, аъзои ташкилотро барои иштирок дар ин амал даъват намояд, инчунин эътибори вазифавии худро барои ин мақсадҳо истифода намояд ё ба дигарон имконият диҳад.

**Моддаи 17. Ҳамкорӣ бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ**

Судя ҳуқуқ дорад бо мақомоти ҳокимияти қонунгузорӣ ва иҷроия, худидоракунии маҳаллӣ оид ба масъалаҳои ҳуқуқ ва қонунгузорӣ ҳамкорӣ намуда, ҳамзамон, аз он чизе, ки метавонад мустақилӣ ва беғаразии ӯро зери шубҳа гузорад ва боиси аз ҷониби шахсони мансабдори мақомоти мазкур таъсир расонидан гардад, канораҷӯӣ намояд.

**Моддаи 18. Маҳдудиятхо вобаста ба фаъолияти сиёсӣ ва соҳибкорӣ**

Судя набояд вакили мақомоти намояндагӣ, узви ҳизб ва созмонҳои сиёсӣ бошад ё аз ҷиҳати моддӣ онҳоро дастгирӣ намояд, дар амалҳои сиёсӣ ширкат варзад, инчунин ба фаъолияти соҳибкорӣ бевосита ё тавассути шахсони боваринок машғул шавад.

**Моддаи 19. Гирифтани маблағ ҳангоми ба фаъолияти илмиву эҷодӣ ва омӯзгорӣ машғул шудан**

Ҳангоми ба фаъолияти илмиву эҷодӣ ва омӯзгорӣ машғул шудан, судя барои гирифтани маблағ ва ҷуброн намудани хароҷоташ ҳуқуқ дорад.

**Моддаи 20. Озодона изҳор намудани ақида**

Ҳар як судя ҳуқуқ дорад ақидаи худро озодона изҳор намояд. Ҳуқуқи озодона изҳор намудани ақидаро бояд тарзе амалӣ созад, ки ба маҳдудиятҳои барои мақоми судя муқарраршуда мувофиқ бошад.

**Моддаи 21. Иштирок дар ташкилоти касбӣ**

1. Судя барои ҳимояи манфиатҳои худ ва адолати судӣ, такмили мақоми судяҳо, омодагии касбӣ, нигоҳ доштани мустақилияти ҳокимияти судӣ, озодона ташкил намудани ҷомеаи судяҳо (конфронс, ассотсиатсия ва

ғайраҳо) ё дигар ташкилотҳои касбӣ ва ба онҳо аъзо шудан ҳуқуқ дорад.

2. Ташкилотҳои касбии судяҳо, ки иштирок дар онҳо ихтиёрӣ мебошад, ҷиҳати ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқҳои ба судяҳо мувофиқи мақоми онҳо пешбинигардида бояд мусоидат намоянд.

3. Судя метавонад дар ҷаласаҳои ташкилотҳои касбӣ оид ба масъалаҳои фаъолияти мӯътадили низоми судӣ, таъминоти иҷтимоӣ ва ғайра, ки ба манфиати ҳокимияти судӣ равона карда мешавад, ақидаашро баён намояд.